**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-109-и назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кӯчаи Мирзо Ризо 6А. www.ied.tj)**

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Ҳакимзода Матлабшоҳ Абдумалик дар мавзуи «Таҳкими амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи такмили низоми идоракунии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ (дар мисоли бахшҳои иҷтимоии осебпазири иқтисодиёти миллӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051000 – Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ (6D051002 – Амнияти иқтисодӣ) пешниҳод гардидааст.**

## 1. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм

Диссертатсияи Ҳакимзода М.А. ба шиносномаи ихтисоси илмии 6D051000 – Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ (6D051002 – Амнияти иқтисодӣ) комилан мутобиқат мекунад. Мазмуни кор ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисос мувофиқ аст: банди «1. Типологияи амнияти иқтисодӣ; муҳимтарин аломатҳои таснифӣ (соҳавӣ, функсионалӣ, ниҳодӣ, минтақавӣ) ва афзорҳои танзими он»; банди «3. Таҳияи методҳои нав ва мутобиқгардонии методҳои мавҷуда, механизмҳо ва афзорҳои баланд бардоштани амнияти иқтисодӣ»; банди «5. Захираҳои корпоративии таъиноти стратегӣ ва амнияти иқтисодӣ (сармояи асосӣ ва гардон, захираҳои инсонӣ, иқтидори пешрафти илмию техникӣ, таъминоти иттилоотӣ ва ҳуқуқӣ)» ва банди «6. Ҷанбаҳои ташкилию методологӣ ва методии таъмини амнияти иқтисодӣ». Таҳқиқот ба масоили идоракунии давлатӣ дар соҳаи амнияти иҷтимоию иқтисодӣ тавассути такмили фаъолияти бахши сеюм нигаронида шудааст.

## 2. Мубрамияти мавзуи таҳқиқот

Мубрамияти мавзуъ бо зарурати таҳияи механизмҳои нави институтсионалӣ барои таъмини устувории иқтисодиёти миллӣ дар

шароити таҳдидҳои муосир муайян карда мешавад. Тавре муаллиф дар қисми муқаддима қайд мекунад, дар Тоҷикистон бахши иҷтимоӣ яке аз осебпазиртарин самтҳои амнияти иқтисодӣ маҳсуб меёбад. Норасоии захираҳои буҷетӣ барои фарогирии пурраи ниёзмандон тақозо мекунад, ки иқтидори ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ҳамчун агенти муҳимми иҷтимоӣ ва иқтисодӣ истифода шавад. Ин кор барои таҳкими амнияти миллӣ ва коҳиши сатҳи камбизоатӣ аҳаммияти аввалиндараҷа дорад.

Ақидаи асосӣ дар он аст, ки дар шароити муосир амнияти иқтисодии давлат бевосита аз суботи иҷтимоӣ ва сатҳи зиндагии табақаҳои осебпазири аҳолӣ вобаста аст. Азбаски захираҳои давлатӣ маҳдуданд ва механизмҳои бозор на ҳамеша бо нобаробарии иҷтимоӣ ва бекорӣ мубориза мебаранд, зарурати стратегии ҷалби ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ҳамчун «бахши сеюм» ба миён меояд. Ин ташкилотҳо қодиранд холигиҳоеро дар ҳифзи иҷтимоӣ, ки аз ҷониби давлат ё тиҷорати хусусӣ фаро гирифта нашудаанд, пур кунанд.

Аммо барои иштироки самараноки ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар таъмини амнияти иқтисодии Тоҷикистон навсозии куллии идоракунии онҳо зарур аст. Муаллиф таъкид мекунад, ки фаъолияти кунунии ин созмонҳо бо мушкилоти системавӣ, аз қабили: норасоии маблағгузорӣ, сатҳи заифи идоракунии муосир ва рақамикунонии нокифоя рӯ ба рӯ мешавад. Ҳамин тариқ, аҳаммияти илмии кори Ҳакимзода М. А. аз таҳияи моделҳои нави идоракунии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ иборат аст, ки ба кам кардани бори иҷтимоӣ ба буҷети давлатӣ ва ташкили механизми устувори дастгирии гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ дар доираи ҳадафҳои стратегии рушд то солҳои 2030 ва 2040 имкон медиҳад.

**3. Алоқамандии кор бо барномаҳои давлатӣ**

Таҳқиқот бо ҳадафҳои «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», махсусан дар самти рушди

сармояи инсонӣ ва таъмини амнияти иҷтимоӣ, робитаи зич дорад. Инчунин, кор бо амалишавии Қонуни ҶТ «Дар бораи соҳибкории иҷтимоӣ» ва «Стратегияи рушди ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ барои давраи то соли 2040» ҳамоҳанг мебошад.

**4. Арзёбии мазмуни диссертатсия ва арзиши илмии фаслҳо**

Диссертатсия аз нигоҳи сохторӣ мукаммал буда, аз се боб ва даҳ зербоб, хулоса, пешниҳодот, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат буда, дар ҳаҷми 212 саҳифа омода гардида, 38 ҷадвал ва 10 расмро фаро мегирад.

**Дар боби якум** муаллиф асосҳои консептуалии амнияти иқтисодиро таҳқиқ намуда, нақши ташкилотҳои ғайритиҷоратиро дар низоми идоракунии давлатӣ муайян кардааст. Дар доираи ин боб ҷанбаҳои назариявии таҳкими амнияти иқтисодӣ дар заминаи фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, хусусиятҳои иқтисодии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ҳамчун шакли махсуси низоми соҳибкории иҷтимоӣ, аз ҷумла масоили назариявӣ ва амалии таҳкими амнияти иқтисодӣ, таҷрибаи байналмилалӣ ва консепсияҳои идоракунии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ бо мақсади таҳкими амнияти иқтисодӣ, мавриди баррасию арзёбии ҳаматарафа қарор гирифтаанд (С.15-62).

Арзиши илмии ин боб дар он аст, ки муаллиф робитаи функсионалии байни амнияти иҷтимоӣ ва фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратиро ҳамчун «тавозуни низоми иқтисодӣ» асоснок намудааст. Муаллиф дуруст қайд кардааст, ки «... давлат на ҳама вақт имкони ҳимояи пурраи манфиатҳои категорияҳои гуногуни аҳолӣ, хусусан маъюбон, занон, муҳоҷирон ва дигар қишри осебпазири аҳолиро дорад. Дар ин замина ТҒТ ҳамчун субъектҳои муассири ҳамгироии иҷтимоии гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ ва омили коҳиш додани шиддати иҷтимоии кишвар нақши муҳимро иҷро мекунанд». (С.15).

Мавқеи муҳаққиқони ватанию хориҷӣ оид ба таърифи амнияти иқтисодӣ дар ҷадвали 1.1 натиҷагирӣ шудааст (С.16-17). Мавқеи муаллиф чунин баён шудааст: « Амнияти иқтисодӣ ҳамчун категорияи иқтисодӣ маҷмуи шароит, институтҳо, механизмҳо ва сиёсати давлатиро, ки ба таъмини устувории низоми иқтисоди миллӣ, ҳифзи манфиатҳои иқтисодии давлат ва ҷомеа, пешгирӣ ва коҳиши таҳдидҳои дохилию берунӣ равона шудаанд, дар бар мегирад. Дар доираи амнияти иқтисодӣ на танҳо нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, балки омилҳои иҷтимоӣ, институтсионалӣ ва инсонӣ низ аҳаммияти калон доранд» (С.17).

Сохтори амнияти миллӣ мувофиқи меъёрҳои қонунгузории амалкунандаи ҷумҳурӣ дар шакли расми диққатҷалбкунанда тасвир шудааст (расми 1.1). Вобаста ба он муаллиф чунин хулоса кардааст, ки "шаклгирии ТҒТ ҳамчун корхонаи иҷтимоӣ ва соҳибкории иҷтимоӣ ва дар ин замина, ба даст овардани устувории молиявии онҳо метавонад дар маблағгузории таъмини амнияти иқтисодӣ мусоидат намоянд". (С.18).

Дар ҷадвали 1.2 мавқеи муҳаққиқон доир ба зарурати фаъолияти ТҒТ дар ҳалли масоили иҷтимоӣ ва таҳкими амнияти иқтисодӣ ба таври барҷаста нишон дода шудааст (С.19). Ба ҳамин ҷадвал монанд, хусусиятҳои хоси иқтисодии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар ҷадвали 1.3 (С.24) баён шудаанд. Мушкилоти ҷойдошта дар низоми идоракунии ташкилотҳои мазкур дар саҳ. 25 дар ҷадвали 1.4 натиҷагирӣ шудаанд ва қайд шудааст, ки "маълумоти дар ҷадвали 1.4 овардашуда ба кишвари мо низ рабт доранд ва ҷиҳати ҳалли мушкилоти зикршуда такмили низоми идоракунии ТҒТ бо мақсади таъмини устворий иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат зарур аст" (С.25).

Муаллиф дуруст қайд кардааст, ки "Айни замон дар Тоҷикистон норасоии сармояи давлатӣ ва хусусӣ ба соҳаи иҷтимоӣ эҳсос мешавад ва роҳи ҳалли чунин мушкилот рушди ТҒТ дар самти соҳибкории иҷтимоӣ буда метавонад". (С.31)

Довталаби дараҷаи илмӣ оид ба соҳибкории иҷтимоӣ дар ҷадвали 1.6 чунин таъриф додааст: “Соҳибкории иҷтимоӣ ин фаъолиятест, ки ба ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ равона шуда, асоси онро зуҳури ташаббус дар ҳалли мушкилоти самтҳои фаъолияти аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазири ҷомеа ташкил медиҳад. Вале соҳибкории иҷтимоӣ фаъолияти хайриявӣ набуда, ин намуди фаъолият ба устувории молиявӣ тавассути пешниҳоди хизматрасониҳо ё тиҷорат асос ёфтааст, ки ба мазмуни фаъолияти ТҒТ бештар шабоҳат дорад”. (С.32).

**Дар** зербоби сеюми боби 1, моделҳои идоракунии ТҒТ дар кишварҳои ҷаҳон нишон дода шудаанд. Муаллиф хусусиятҳои асосии идоракунӣ, маблағгузорӣ, нақши ҳукумат ва саҳм дар амнияти иқтисодиро дар ҷадвал инъикос кардааст (ҷадвали 1.8. С.48).

Ҳакимзода М. дар натиҷаи таҳлил ба хулосае омадааст, ки “фаъолияти молиявии чунин ташкилотҳо дорои хусусияти даврагӣ мебошад ва ба тағйирёбии шароити иқтисодӣ ва дастрасии манбаъҳои молиявӣ вобастагии зич дорад. Аз ин рӯ, зарурати такмили механизмҳои диверсификатсияи даромадҳо ва баланд бардоштани самарнокии истифодаи захираҳоро тақозо менамояд”. (С.60)

**Боби дуюм** ба таҳлили амиқи вазъи ТҒТ дар Тоҷикистон бахшида шудааст. Ин боб дорои 4 зербоб буда, дар он фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар таъмини шуғл ва суботи иқтисодии маъюбон, низоми идоракунии фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар ҳалли мушкилоти муҳоҷирати меҳнатии беруна ва таъсири он ба амнияти иқтисодӣ, саҳми ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар баланд бардоштани мақоми иқтисодии занон ва таҳкими амнияти иқтисодии оилаҳо, нақши ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар ҳалли мушкилоти экологӣ ва рушди иқтисоди сабз ҳамчун омили таҳкими амнияти иқтисодии Тоҷикистон, таҳлилу баррасӣ шудаанд. Муаллиф бо истифода аз маълумоти омории солҳои 2018–2024 (саҳ. 65-98) нишон додааст, ки бахши ғайритиҷоратӣ дар

ҳалли мушкилоти осебпазири иқтисод саҳми назаррас дорад, вале низоми идоракунии онҳо ба такмил ниёз дорад. Таҳлили сохтори хароҷот ва воридоти ТҒТ (ҷадвалҳои 2.1.2 ва 2.2.1) имкон дод, ки вобастагии онҳо аз маблағгузории хориҷӣ ҳамчун омили хавф муайян карда шавад.

Чунин хулосагирӣ шудааст, ки «дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вазъи иҷтимоию иқтисодии ашхоси дорои имкониятҳои маҳдуд бо хусусиятҳои зерин тавсиф карда мешавад: сатҳи баланди бекорӣ ва иштироки паст дар иқтисодиёти расмӣ; дастрасии нокифояи инфрасохтор. Бисёр муассисаҳо ва ҷойҳои кор ба талаботи ашхоси маъюб мувофиқ нестанд; ташаккули сусти барномаҳои дастгирӣ. Сатҳи пасти маблағгузории ТҒТ ҳамзамон дастрасии маҳдуд ба грантҳо ва субсидияҳои давлатӣ; тафовути минтақавию шаҳрӣ. Дар пойтахт ва шаҳрҳо шароити ҳамгирой нисбат ба деҳот, ки имконоти иқтисодӣ ва инфрасохтор маҳдуд аст, беҳтар аст» (С.66).

Ӯ дуруст қайд кардааст, ки “Дар шароити кунунӣ яке аз нишондиҳандаҳои беҳбудии иҷтимоию иқтисодии мамлакатҳо ин сатҳи шуғлнокии табақаи осебпазири ҷомеа ба ҳисоб меравад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи бо кор таъмин намудани ашхоси дорои имкониятҳои маҳдуд ва умуман, гурӯҳи осебпазири аҳолӣ ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат мавқеи хоссаро касб менамояд. Ин масъала пайваста дар маркази диққати Ҳукумати кишвар, хусусан Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад”. (С.68-69).

Дар ҷадвали 2.4. муаллиф, шумораи маъюбонеро, ки тавассути баъзе ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кор ҷалб шудаанд, дар солҳои 2018-2024 таҳлил карда, таносуби онро дар соли 2024 нисбат ба соли базавӣ ҳисоб карда баромадааст (С.71).

Пешниҳодҳои довталаби дараҷаи илмӣ оид ба таҳкими фаъолияти ТҒТ ҳамчун шакли соҳибкории иҷтимоӣ ва мусоидат ба ҷалби маъюбон ба фаъолияти меҳнатӣ, асосноку судманд мебошанд (С.76). Зимни таҳлили равандҳои муҳоҷирати меҳнатии беруна дар заминаи амнияти иқтисодии давлат муаллиф ду ҷанбаи муҳимро: самараи мусбат (коҳиши сатҳи бекорӣ, даромадҳои асъорӣ, воридоти маҳорату малака ва дигар ҷанбаҳои мусбат) ва самараи манфӣ (сарбории демографӣ, хуруҷи кадрҳо, вобастагӣ аздаромади беруна, рушди бахши ғайрирасмӣ ва дигар таъсироти манфӣ) ҷудо кардааст. (С.80).

Муаллиф фаъолияти 8 адад ташкилоти ғайритиҷоратиеро, ки дар ҷумҳурӣ доир ба масоили гуногуни табақаи осебпазир корбарӣ менамоянд, ҷамъоварӣ ва таҳлил кардааст (Ҷадвали 2.6). Ба ақидаи ӯ, “...шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳамчун муҳоҷири меҳнатӣ барои кори ихтиёрӣ ба дигар давлатҳо ҳиҷрат менамоянд, аз як ҷониб, саҳми худро мустақиман дар рушди ММД-и давлатҳои қабулкунандаи муҳоҷирон гузошта, дар натиҷаи фаъолияти меҳнатӣ аз кишварҳои хориҷ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағҳои пулӣ интиқол медиҳанд. Гузашта аз ин, маблағҳои интиқолӣ аксаран барои истеъмолоти ҷорӣ сарф карда мешаванд, на барои сармоягузорӣ, ки ин дар дохили кишвари аслии муҳоҷирон устувории иқтисодиро ба вуҷуд намеоварад”. (С.84).

Воқеан, фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар самти муҳоҷират ба амнияти иқтисодии давлат таъсири бевосита мерасонад, аз ҷумла, коҳиши шуғли ғайрирасмӣ - боиси зиёд шудани интиқоли маблағҳои расмӣ мегардад. Баланд бардоштани саводнокии ҳуқуқӣ - ба субот дар кишварҳои қабулкунанда ва паст кардани нобаробарии иҷтимоӣ мусоидат мекунад ва реинтегратсия - сарбории буҷетро тавассути шуғл ва рушди соҳибкорӣ кам мекунад. Дар баробари ин хатарҳои криминалиро коҳиш дода, таъсиси пойгоҳи иттилоотӣ - ба қабули қарорҳо дар асоси далелҳо мусоидат мекунад. (С.87)

Дар идома, таъсири фаъолияти ТҒТ ба амнияти иқтисодӣ дар заминаи равандҳои муҳоҷират таҳлил ва нишондиҳандаҳо бо иштироки ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ва бе иштироки онҳо баррасӣ шудаанд (ҷадвали 2.9). Зимни таҳлилҳо муайян гардидааст, ки қисми зиёди ТҒТ ба фаъолияти омӯзишӣ-машваратдиҳӣ машғуланд ва ин фаъолият метавонад дар самти тахассуснок намудани аҳолӣ мусоидат кунад.

Аз дастовардҳои дигари муаллиф ҳаминро номбар кардан мумкин аст, ки дар диссертатсия дар шароити муосири рушди иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ мушкилоти осебпазирии занон, махсусан, дар муҳити деҳот, ҳамчун масъалаи мубрами давлатии рушд баррасӣ шудааст, ки ин аҳаммияти таҳқиқотро дар баробари диссертатсияҳои дигар муҳаққиқон хеле назаррас мегардонад (С.94-109).

**Дар боби сеюм** самтҳои стратегии такмили идоракунӣ пешниҳод шудаанд. Муаллиф тавсияҳои методии ташкили системаи арзёбии фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратиро дар доираи раванди таҳкими амнияти иқтисодӣ ироа карда, усулҳои институтсионалӣ ва ташкилию иқтисодии идоракунии фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратиро такмил дода, равишҳои методии ислоҳоти низоми идоракунии фаъолияти ташкилотҳои мазкурро дар бахшҳои иҷтимоии осебпазири иқтисодиёти миллӣ таҳия ва пешниҳод кардааст (С.128-168).

Арзиши баланди илмӣ дар коркарди модели «шарикии сеҷониба» (давлат-бизнес-ТҒТ) ва пешниҳоди механизмҳои ҳавасмандгардонии андозӣ зоҳир мегардад, ки барои бахши осебпазири иқтисодиёт муҳим мебошанд. Дар ин боб маҷмуи нишондиҳандаи иҷтимоӣ, ки ба андешаи муаллиф, бояд ба гурӯҳи нишондиҳандаҳои ҳадди ақали амнияти иқтисодии давлат дохил карда шавад, таҳия ва пешниҳод шудаанд (С.130-139).

Дар доираи низоми идоракунии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар бахшҳои иҷтимоии осебпазири иқтисоди миллӣ, воситаҳои дастгирии ба

рушди бозорҳои хизматрасониҳои иҷтимоӣ равонашуда, усулҳои институтсионалӣ, андозӣ ва дигар усулҳои мусоидаткунанда мавриди баррасӣ қарор гирифта, хулосаҳои муаллиф дар шакли пешниҳодҳои илмӣ ироа шудаанд (С.140-145). Муаллиф пешниҳод кардааст, ки ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» низ тағйироту иловаҳо ворид карда шаванд, ки дар он соҳибкори иҷтимоӣ ҳамчун субъекти мустақили иқтисоди бозорӣ эътироф гардад.(С146)

Дар доираи зербоби 3.3 муаллиф модели мукаммалгардонии низоми идоракунии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар самти фаъолияти иҷтимоии осебпазирро бо мақсади таҳкими амнияти иқтисодӣ таҳия ва манзур намудааст (Расми 3.3. С.159).

Дар расми 3.4, с. 161, механизми шаклгирии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ҳамчун соҳибкории иҷтимоӣ пешниҳод шудааст.

Дар қисмати хулоса ва тавсияҳо, натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия дар 8 банд ҷамъбаст ва тавсияҳои муаллиф оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот дар 5 банд мушаххасан манзур шудаанд. (С.169-174). Татбиқи тавсияҳои методии мазкур метавонад боиси афзоиши устувории ТҒТ ҳамчун шакли соҳибкории иҷтимоӣ ва таҳкими амнияти иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гардад.

**5. Навгонии илмии таҳқиқот**

Муаллиф чор нуқтаи асосии навгонии илмиро пешниҳод намудааст, ки дорои аҳаммияти назариявӣ мебошанд:

**Якум,** консепсияи амнияти иқтисодӣ бо ворид намудани институти ТҒТ ҳамчун субъекти таъминкунандаи устувории иҷтимоӣ дар бахшҳои осебпазир васеъ карда шудааст.

**Дуюм,** механизми идоракунии ТҒТ тавассути ҷорӣ намудани нишондиҳандаҳои «самаранокии иҷтимоию амниятӣ» такмил дода

шудааст, ки имкон медиҳад саҳми воқеии онҳо дар амнияти иқтисодӣ чен карда шавад.

**Севвум,** модели ташкилию иқтисодии дастгирии соҳибкории иҷтимоӣ дар заминаи ТҒТ коркард шудааст, ки роҳи нави таъмини худкафоии молиявии ин ташкилотҳоро нишон медиҳад.

**Чорум,** усулҳои мониторинг ва арзёбии таҳдидҳои иҷтимоӣ ба амнияти иқтисодӣ бо назардошти фаъолияти ТҒТ дар минтақаҳои дурдасти кишвар пешниҳод гардидаанд.

**6. Дараҷаи асоснокии илмии хулосаҳо**

Хулосаҳои муаллиф дар асоси пойгоҳи васеи эмпирикӣ ва истифодаи методҳои қиёсӣ, гурӯҳбандӣ ва таҳлили силогӣ ба даст омадаанд. Натиҷаҳо бо далелҳои рақамӣ дар 38 ҷадвал ва 10 расм асоснок карда шудаанд.

**7. Сифати нашри натиҷаҳо ва мутобиқати автореферат**

Натиҷаҳои асосӣ дар 15 мақолаи илмӣ, аз ҷумла дар маҷаллаҳои «Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» ва «Паёми Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон» нашр шудаанд. Автореферат ба мазмуни диссертатсия комилан мутобиқ аст.

**8. Истифодаи амалии натиҷаҳо**

Тавсияҳо оид ба такмили моддаҳои Кодекси андоз (моддаҳои 189 ва 347) ва лоиҳаи Қонуни ҶТ «Дар бораи соҳибкории иҷтимоӣ» барои мақомоти қонунгузор аҳаммияти калон доранд.

**9. Камбудиҳои диссертатсия ва эродҳои муқарризи расмӣ**

Бо вуҷуди арзиши баланди илмӣ, дар кор камбудиҳои зерин мавҷуданд, ки баъзеи онҳо хусусияти мубоҳисавӣ доранд:

1. Дар параграфи 1.2. муаллиф ҳангоми таснифи ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, нақши боризи онҳоро дар таъмини амнияти иқтисодӣ зикр кардааст, вале амнияти иттилоотиро ба назар нагирифтааст, ки дар

шароити муосир ин ташкилотҳо метавонанд манбаи паҳнкунии иттилооти ба амнияти иқтисодӣ таъсири манфӣ расонанда бошанд.

2. Дар боби 2 таҳлили фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар соҳаи иҷтимоиёт оварда шудааст. Ҳамзамон, муаллиф роҳҳои коҳиши вобастагии ин ташкилотҳоро аз донорҳои хориҷӣ дар дарозмуҳлат нишон медод.

3. Ҳангоми пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ барои ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, муаллиф таҳлили муқоисавии талафоти эҳтимолии буҷети давлатиро пешниҳод накардааст, ки ин асоснокии иқтисодии пешниҳодро заиф мекунад.

4. Дар диссертатсия истилоҳи «экосистемаи ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ» истифода шудааст, вале таърифи дақиқи илмии он дар заминаи амнияти иқтисодӣ дода нашудааст.

5. Дар таҳқиқот ба нақши ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар соҳаи кишоварзӣ (амнияти озуқаворӣ), ки яке аз бахшҳои осебпазиртарин аст, таваҷҷуҳи кам зоҳир шудааст.

**10. Хулосаи умумӣ**

Диссертатсияи Ҳакимзода Матлабшоҳ Абдумалик дар мавзуи «Таҳкими амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи такмили низоми идоракунии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ (дар мисоли бахшҳои иҷтимоии осебпазири иқтисодиёти миллӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051000 – Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ (6D051002 – Амнияти иқтисодӣ) пешниҳод гардидааст, таҳқиқоти мустақил ва мукаммал буда, дорои навгонии илмӣ ва аҳаммияти амалӣ мебошад ва аз лиҳози муҳтавои илмӣ, сатҳи таҳлили назариявию амалӣ, навоварии натиҷаҳо ва дараҷаи асоснокии хулосаҳо ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

Чунин меҳисобем, ки муаллифи диссертатсия - Ҳакимзода Матлабшоҳ Абдумалик барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051000 – Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ (6D051002 – Амнияти иқтисодӣ) сазовор мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051002 – Амнияти иқтисодӣ, Раиси Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор Изатуллои Ҳабибзод

Имзои Изатуллои Ҳабибзодро тасдиқ мекунам.

Мудири шуъбаи ташкилӣ ва кор бо кадрҳои Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Ҳисор Неъматуллоева М.А.

Суроға: шаҳри Ҳисор, кӯчаи Файзулло Абдуллоев 12.